# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-ичтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи ичтимоӣ ва худшиносӣ)**

Ҳар халқу миллат бо фарзандони шухратманди худ, ки хислатҳову сифатҳои беҳтарин доштанд, ифтихор мекунад. Аз қадимулайём бузургони халқи точик, адибону олимон ба масъалаҳои худшиносии миллӣ, ахлоқу одоб ва тарбияи онҳо дар одамон баҳои арзанда додаанд. Дар давоми зиёда аз ҳазор сол доир ба ин мавзуъ китобҳо, одобномаҳо, панду насиҳатҳо, ҳикояту ривоятҳо офаридаанд, ки имрӯз ҳам барои чаҳонбинии миллии наврасон ва педагогикаи халқӣ қадру қиммати беандоза доранд.

Ташаккули худшиносии миллӣ, донишҳои ахлоқӣ таъсир ба дунёи маънавии шахс аст. Ахлоқу маънавиёт унсурҳоеанд, ки қисматҳои дигари тарбияро бо ҳам мепайванданд ва асоси фаъолияти шаҳрвандро ташкил медиҳанд.

Имрӯз ҳам дар кори мактабу маориф ба ин масъала эътибори хоса дода мешавад. Мавқеи он дар байни соҳаҳои дигари тарбия торафт маҳкамтару устувортар мешавад, чунки тақозои давраи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ чунин аст.

Дар рисолаи пешниҳодшуда андешаҳо оид ба масоили назариявӣ ва методологӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъияту мушкилоти ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ дар муҳити беруназтаълимӣ баён шудааст.

Асоси таҳқиқоти унвончӯйро баррасии озмоишҳои илмию равоншиносии олимони ватанию хоричӣ оид ба ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ ташкил додааст. Ҳалли масъалаи мазкурро унвончӯй дар натичаи корҳои илмии назариявӣ ва

амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додаст.

Дар муқаддимаи кор муҳимияти мавзуъ, мақсади таҳқиқот, макон, фарзия, вазифаҳои дар назди худ гузошта, кушодани усулҳои таҳқиқ, истифодаи навгониҳои илмӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии кор, ки асоси таҳқиқоти илмоти илмиро муайян мекунад, зарурияти амалӣ кардани онҳоро дар таҷриба ифода мекунад.

Унвонҷӯ дар рисолаи илмии худ аз сарчашмаҳои фаровони илмиву методӣ истифода намуда, дар асоси хулосаҳои дақиқи илмӣ мавзуи таҳқиқотиро дар фаъолияти беруназдтаълимӣ муфассал шарҳ дода, навгониҳои илмиро пешниҳод намудааст.

Дар боби якуми диссертатсия "Асосҳои назариявӣ-амалии ташаккули худшиносии миллии наврасон" номгузорӣ гардида, дар он масъалаҳои ташаккули худшиносии миллии наврасон дар адабиёти психологӣ-педагогӣ ва методӣ, педагогикаи халқӣ ҳамчун заминаи тарбияи маънавию ахлоқӣ ва худшиносии наврасон, роҳу усулҳои ташаккули худшиносии миллии наврасон мавриди истифода аз арзишҳои миллии халқи тоҷик баррасӣ гардида, дастовардҳои педагогикаи муосири тоҷик ва бо назардошти ақидаҳои педагогии ниёгон таҳия шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия «Технологияи ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ» ба корҳои таҷрибавӣ бахшида шуда, масъалаҳои вазъи ташаккули худшиносии миллии наврасон дар замони муосир, корҳои таҳқиқотӣ-озмоишии раванди худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ, таҳияи барнома ва самаранокии истифодаи он дар худшиносии миллии наврасон мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст.

Кори илмии пешниҳоднамудаи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ» анҷомёфта

буда, мазмуну муҳтавои он ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи фанҳои
гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии
институти сайёҳии
ДБССТ Акрамова М.Ҳ.

Имзои н.и.п., дотсент Акрамова М.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.